**СУРАТМАҶЛИСИ № 64**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-019**

**08 феврали соли 2025** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравацд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М., аъзоёни комиссияи ташхис доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода П.С., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Аҳмадзода М.С. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм.

– **Завқизода Солеҳ Амин** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Маркази таълимии судяҳои назди Суди олӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 19 апрели соли 2025, соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзоев Қ.Х.**